# АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел.: (99237) 221-50-83,221-50-84,
факс: 221-49-11, 221-71-00, E-mail: president@anrt.tj, sarkotib@anrt.tj

№ 3000 1/23-570 аз «18» 03 соли 2023

**МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ**

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо ҳамкории Бунёди Меҳрафзуни Фирӯзгар ва Обтини Сосонфар (Швейтсария), Анҷумани Рӯдакӣ (Фаронса), Анҷумани тарвиҷи забону адаби форсии шуъбаи Хуросон, Хирадсарои Фирдавсӣ, Қутби илмии Фирдавсӣ (Ҷумҳурии Исломии Эрон), Донишгоҳи Куруш (Калифорнияи ИМА) тасмим гирифтааст, рӯзҳои 13-14-уми октябри соли 2023 ба муносибати бузургдошти Фирдавсӣ дувумин конфаронси байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи ***"Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ"*** баргузор намояд.

Дар конференсия масъалаҳои зер мавриди баррасӣ қарор мегиранд:

1. ***Ҷуғрофиёи таърихии "Шоҳнома" .***
2. ***Тасвири аввалин ҷамоаи инсонӣ дар "Шоҳнома".***
3. ***Инъикоси идеяҳои ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ дар "Шоҳнома".***
4. ***Шоҳномашиносӣ дар ҷаҳони муосир.***
5. ***Дурнамои шоҳномашиносӣ.***
6. ***Нусхашиносӣ ва матншиносии "Шоҳнома".***
7. ***Сарчашмаҳои эҷоди "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.***
8. ***Паёмҳои Фирдавсӣ дар "Шоҳнома".***
9. ***Фирдавсӣ ва забони адабӣ.***
10. ***Фирдавсӣ ва адабиёт.***
11. ***Мақоми Фирдавсӣ дар адабиёти ҷаҳон.***
12. ***Ҳунари адабии Фирдавсӣ.***
13. ***Ҷаҳонбинии Фирдавсӣ дар "Шоҳнома".***
14. ***"Шоҳнома" ва замони муосир: аз таҳриф то нақд.***
15. ***Имагология: шинохти тасвирҳои бегона ва худӣ дар "Шоҳнома".***
16 ***"Шоҳнома" ва фарҳанги мардумӣ.***

**Барои иштирок дар конференсия унвон ва матни маърузаро то 1-уми сентябри соли 2023 ба нишониҳои электронии зер пешниҳод намоед:**
iza.rudaki@gmail.com, sun_1989@list.ru

office@cyrusunivesity.org

- Забони кори конференсия – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.
- Риояи меъёрҳои нигориши мақолоти илмӣ – аннотатсия, калидвожаҳо ва маълумот дар бораи муаллиф (ба се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ҳатмист.
- Ҳаҷми мақола бояд аз 1 ҷузъи чопӣ зиёд набошад.
- Мақола бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи ҳарф 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфчинӣ гардад.
- Интихоб ва таъйиди мақолаҳо бар уҳдаи шахсони масъули кумитаи тадорукоти конференсия аст.
- Маводи конференсия дар шакли маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ба табъ мерасад.

Ҳазинаи ширкат дар конфронс бар дӯши иштирокдорон аст.

**Суроға**:*734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ -21; **www. iza.tarena. tj***
***Тел.:****227-29-07, 227-75-50;* (+992) 904-46-23-87

**Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Ф.Раҳимӣ**